# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Расулзода Сорбон Пирмад дар мавзӯи “Заминаи методии таълими равиявии биология дар синфҳои 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (биология) пешниҳод гардидааст.**

Чуноне, ки омӯзиши мероси педагогӣ ва роҳҳои таърихии рушди педагогикаи халқи тоҷик нишон медиҳад, таълимоти равиявӣ ва тафриқавӣ таърихи хеле қадимаи худро дорад. Омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия, қобилияту малакаҳо ва шавқу ҳаваси таълимгирандаҳоро ба инобат гирифта, ба ҳар кадомаш вазифаҳои инфиродӣ дода, онҳоро дар соҳаҳои мухталиф, аз қабили фалсафа, дорусозӣ, риёзиёт, астрономия, адабиёт ва ғайра омода месохтанд.

Дар рӯзҳои мо, дар ҷараёни ташкили таълими равиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ватанӣ на ҳамаи намудҳои таълимоти назариявӣ, методологӣ ва таҷрибаи мавҷуда ба назар гирифта мешавад. Бинобар ин, қобилият ва малакаи хонандагон яктарафа инкишоф ёфта аксарияти онҳо барои азхудкунии фанҳои ғайрисоҳавӣ шавқу рағбати зиёд зоҳир намекунанд.

Аз ин рӯ, мубрамияти мавзӯи кори диссертатсионии унвонҷӯ Расулзода С.П. дар он бо ду нуктаи такягоҳӣ асос ёфтааст, ки ҳоло байни ҷанбаҳои муҳими ҷараёни таълим як қатор тафовутҳо ба вуҷуд омадаанд: якум, рушди бемайлони прогресси илмию-техникӣ дар кишвар ва дар ин замима шароитҳои сатҳи иҷтимоӣ ва иқтисод боло рафта ба вазъи экологӣ бетаъсир набуда, бояд ин ҳангоми таҳияи мундариҷа ва низоми раванди таълими фанҳои биологӣ ба назар гирифта шавад; дуюм, масъалаҳои таълими равиявии биологии хонандагон ҳанӯз ба таври кофӣ таҳлил ва муҳокима нашудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал:**

– аҳамият ва маънои чунин мафҳумҳои муҳими педагогӣ; "таълими равиявии биология", "курсҳои интихобии биология" тавсиф карда шуда, амсилаи (модели) назариявии самарабахши таълими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба таълими равиявии соҳаи биология таҳия карда шудааст;

– нақшаи намунавии таълимӣ равияи табиӣ ва математикии соҳаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудаст.

– мафҳумҳои асосӣ вобаста ба равия ва соҳаи интихобнамудаи хонандагон таҳия ва мушаххас гардида, роҳҳо, усулҳо ва воситаҳои инфиродии таълими соҳаи биология муайян шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

–мундариҷаи фанни биологӣ барои хонандагони синфҳои 10 ва 11 асоснок карда шудааст (инсондӯстӣ, ҳамгироӣ, тафриқавӣ, асоснокии донишҳои илмии биологӣ);

– принсипҳои ташкили раванди таълими биология бо инобат гирифтани ҷиҳатҳои хоси таълими равиявӣ: (инфиродият, мушкилот, баҳсҳо, мустақилии хонандагон дар хулосабароиҳо, алоқаи мутақобилаи фаъолияти дастаҷамъӣ ва фардии хонандагон, қаноатмандии хонандагон аз талаботҳои маънавӣ) ва ғайраҳо муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз:

– истифодаи самараноки технологияи тадриси биология дар синфҳои таълимии равиявӣ, мушаххаскунии раванди таълим (дарси проблемавӣ, лексия, сӯҳбатҳои мубоҳисавӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо, машғулиятҳои семинарӣ ва ғайра), вазифаҳои хонагии эҷодии таҳқиқотидошта, супоришҳои иловагии корҳои беруназсинфӣ (экскурсияҳо, ташкили ҷамъияти илмии хонандагон аз биология, конфренсияҳои илмӣ, корҳои мустақилона оид ба омӯзиши адабиётҳои илмӣ;

– назорати дониши андухтаи хонандагон (тибқи таҷрибаҳои биологӣ, намоиши корҳои амалӣ, дифои рефератҳо, баҳогузорӣ оид ба мавзӯъҳои интихобшуда) ва методҳое, ки ба рушди қобилияти фикррони мустақилонаи хонандагон мусоидат менамоянд;

– методикаи амалисозии раванди ҷараёни таълими равиявӣ дар фаъолияти амалии омӯзгорони биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар раванди тайёр намудани омӯзгорони биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат аст.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар заминаи услуби муносибати бонизом, контсепсияи илмии ташхиси педагогӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва даврӣ (эмпирикӣ), инчунин натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, интихоби дурӯсти усулҳои ба марҳилаи таҳқиқот мувофиқ, таҷрибаи фаъолияти омӯзгории муаллиф ифода меёбад.

Ҳамчунин сатҳи эътимоднокӣ ва самаранокии истифодаи диссертатсияро натиҷаҳои таҳқиқот, асосноксозии бартарии таълими равиявӣ, усулҳои дар таҳқиқот истифода шуда, натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ бе ҳузури муаллиф ҳангоми таҳқоқотҳои натиҷаҳояшон дар рисола овардашуда собит менамоянд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии ба рӯйхати КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, 5 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудаанд.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

Дар **муқаддима** муҳимияти масъала асоснок карда шуда, объект ва мавзӯи таҳқиқот, мақсад, фарзияи таҳқиқот ва муқаррароте, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, баён шудаанд. Асосҳои методологӣ ва методҳо, марҳилаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, эъимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ тавсиф шудаанд.

**Дар боби якум** масъалаҳои марбут ба раванд, рушди асосҳои назариявии таълими равиявии биология мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои равонию педагогии таълими равиявии биология – афкори муҳаққиқони гуногун оид ба табиати рушдёбандаи раванди таълим, муаммоҳои таълими равиявӣ ва тафриқавӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин ҳуҷҷатҳои барои такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) зарурӣ ёфта, таҷрибаи МТМУ мамолики хориҷӣ дар ин самт, принсипҳои таълимӣ равиявӣ, вазифаҳои курсҳои интихобӣ биология ва таснифоти онҳо, моҳияти фаъолияти инфиродии таълимӣ ва таълими рушддиҳанда дарҷ гардидаанд.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки фаъолияти инфиродии хонандагон дар раванди таълими рушддиҳанда нақши асосӣ дорад. Барои дидактика инкишофи зеҳнии кӯдак аҳамияти калон дорад. Зинаи аввалини таълими равиявӣ ошкори моҳияти актуалии масъалаҳо буда, ҳамчун ҳаҷм ва сатҳи таълим қобилиятҳои иҷрои мустақилонаи онҳоро ташаккул медиҳад.

**Дар боби дуюм** масъалаи ташкил, гузаронидан ва таҳлили натиҷаҳои самаранокии истифодаи технологияи муосир дар ҷараёни таълими равиявии биологияи синфҳои 10 ва 11 мавриди баррасӣ қарор гирифтааст

Дар зербоби якум ҳолати таълими равиявии фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби дуюм намунаи технологияи таълими равиявӣ барои синфҳои 10 – 11 баррасӣ шуда, алгоритми гузаронидани таҳқиқот ва натиҷаҳои таълими равиявии биология пешниҳод шудаанд.

Дар зербоби сеюм натиҷаҳои омӯзиши истифодаи таълими равиявии биология дар синфҳои 10 – 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ ва муҳокима шудаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои бадастоварда унвонҷӯ ба чунин хулоса омадааст, ки методикаи таълими равиявии биология нисбати усулҳои анъанавӣ бартарӣ дошта, онро дар раванди фанҳои табиатшиносӣ (самти равияи физикӣ – математикӣ) ва дар ҳамаи намудҳои муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан бомаврид аст.

Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда муаллиф ба чунин хулосаи асосӣ омадааст, ки асоси таълими равиявиро таълими тафриқавӣ аз рӯи майлу рағбати хонандагон ташкил медиҳад. Қисми ҷудонашавандаи таълими равиявӣ бояд таълими мушаххас дар курсҳои равиявӣ, самтҳои курсҳои гуногун, истифодаи методҳои иҷтимоии таълим ва воситаҳои методӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияи нави таълим ба ҳисоб мераванд.

Ӯ пешниҳод мекунад, ки омӯзгорон бояд дар дарсҳои худ аз усулҳои фаъолӣ таълим ва маводҳои дидактикӣ истифода баранд, то ин ки дарсҳо гуногуну шавқовар гузашта, боиси болоравии хоҳиш ва майлу рағбатҳои хонандагон ва такмили дониши онҳо дар муассисаи талимӣ гарданд.

Методикаи таълими равиявии биология, ки дар диссертатсияи таҳиянамудаи Расулзода С.П. пешниҳод гардидааст, метавонад дар амалияи оммавии кори омӯзгорони фанни биологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва раванди омода намудани омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва касбӣ, ҳамчунин бозомӯзии кадрҳои педагогӣ истифода шавад.

Дар маҷмӯъ, тартиби таҳияи диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, онро кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ ҳисобидан мумкин аст.

Дар диссертатсия баъзе камудиҳо ва норасоиҳо мавҷуд аст::

1. Дар диссертатсия моҳияти инкишофдиҳандагии таълими равиявӣ пурра кушода нашудааст.

2. Хуб мешуд агар робитаҳои зичи методҳои таълим васеътар муҳокима мегардиданд.

3. Ҳангоми муҳокимарониҳо назару андешаҳои муаллиф камтар ба назар мерасанд.

4. Дар матни рисола баъзе хатогиҳои китобатию имлоӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои дар боло зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Аз ин рӯ диссертатсияи Расулзода Сорбон Пирмад дар мавзӯи “Заминаи методии таълими равиявии биология дар синфҳои 10-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (биология) ҳисобида мешавад.

Доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи
биохимияи ДМТ Ғиёсов Т.Ҷ.

Имзои н.и.б. Ғиёсов Т.Ҷ – ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.